«Мувофиқа карда шуд»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

______________ Каҳҳорзода Ф.С.

аз « 28 » декабри соли 2022, № 254-Ф

«Тасдиқ карда шуд»

Сардори Хадамоти гумруки назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

_______________ Каримзода Х.А.

аз « 28 » декабри соли 2022, № 254-Ф

# Тартиби баҳисобгирии воридшавии пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо ва ҷаримаҳо ба буҷети давлатӣ, ҳангоми интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Тартиби баҳисобгирии воридшавии пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо ва ҷаримаҳо ба буҷети давлатӣ, ҳангоми интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд -Тартиб) қоидаҳои баҳисобгирии воридоти пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо (пеня) ва ҷаримаҳоро ҳангоми интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини назорат аз болои саривақт ва пурра ворид гардидани пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар менамояд.

2. Шахсони мансабдори воҳидҳои сохтории мақомоти гумрук, ки барои баҳисобгирии пардохтҳо масъуланд, пешбурди дуруст ва саривақтии баҳисобгирии маблағи пардохтҳои гумрукӣ, инчунин фоизҳо (пеня) ва ҷаримаҳое, ки бо интиқоли мол аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманданд, таъмин мекунанд.

3. Пешбурди мониторинги пардохтҳои электронӣ дар низоми вақти воқеӣ аз тарафи Раёсати батанзимдарории тарифию гумрукӣ ва назорати арзии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ карда мешавад.

4. Сардори шуъбаи ташкил ва таҳлили баҳисобгирии пардохтҳои гумрукии Раёсати батанзимдарории тарифию гумрукӣ ва назорати арзии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ, мониторинги пардохтҳои электронӣ, инчунин дохил ва хориҷ намудани рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА)-и бонкҳои ба рӯйхати сиёҳ воридгардидаро пеш мебарад.

5. Пешбурди мониторинг, назорати пардохтҳои электронӣ, муайян ва бартараф намудани камбудиҳо дар самти пардохти электронӣ, инчунин назорат аз болои фаъолияти шуъбаҳои пардохтҳои гумрукии раёсатҳои минтақавии гумрукӣ аз тарафи

шахсони мансабдори шуъбаи ташкил ва таҳлили баҳисобгирии пардохтҳои гумрукии Раёсати батанзимдарории тарифию гумрукӣ ва назорати арзӣ, ҳамарӯза амалӣ карда мешавад.

6. Шуъбаҳои пардохтҳои гумрукӣ ва назорати арзии раёсатҳои минтақавии гумрукӣ, ҳамарӯза пешбурди мониторинг, назорати пардохтҳои электронӣ, муайян ва бартараф намудани камбудиҳо дар самти пардохтҳо, таҳияи ҳисоботҳо, инчунин назорат аз болои фаъолияти нозирони пардохтҳои гумрукӣ дар гумруку дидбонгоҳҳои гумрукиро таъмин менамоянд.

7. Баҳисобгирии пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо (пеня) ва ҷаримаҳо тавассути “Зерсистемаи пардохти электронӣ"-и Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи (СИАЯ) Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шакли вақти воқеӣ (Online) ташкил ёфтааст (минбаъд - Зерсистема), пеш бурда мешавад.

8. Баҳисобгирии пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо (пеня) ва ҷаримаҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Дастурамал оид ба тартиби истифодабарии “Зерсистемаи пардохтҳои электронӣ”, ки бо фармоиши Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 феврали соли 2021, №Ф-21 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастурамалу фармоишҳои дахлдори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ карда мешавад. (Замимаи 1)

9. Нозирони гурӯҳи пардохтҳои гумрукии зерсохтори мақомоти гумрук, ки барои баҳисобгирии пардохтҳо масъуланд, бояд дар давоми 15 рӯз аз рӯзи нишондодаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ворид гардидани маблағи пардохтҳои гумрукиро зимни воридоти мол ва ҳангоми содироти мол бошад дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ, назорат кунанд.

10. Маблағи пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо (пеня) ва ҷаримаҳо бояд ба суратҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар системаи хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ин мақсад кушода шудааст, гузаронида шавад, ба истисноι ҳолати пешбининамудаи қисми 4 моддаи 317 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон.

11. Маблағи пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо (пеня) ва ҷаримаҳо дар ҳолатҳои зерин пардохтшуда ҳисоб ёфта, ба ҳисоб гирифта мешаванд:

1) аз лаҳзаи воридшавӣ ва тасдиқи маблағ ба суратҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ;

2) аз лаҳзаи ба ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ ҳисобӣ кардани (гузаронидани) боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд пардохтшуда, ё

маблағи барзиёд ситонидашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, вале агар чунин баҳисобгирӣ бо ташаббуси пардохткунанда сурат гирад, аз лаҳзаи қабули ариза дар хусуси баҳисобгирӣ;

3) аз лаҳзаи ба ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ ҳисобӣ кардани (гузаронидани) боҷҳои гумрукӣ ва андози пешпардохт ё гаравпулӣ ва агар чунин баҳисобгирӣ бо ташаббуси пардохткунанда сурат гирад, аз лаҳзаи гирифтани супориш аз ҷониби мақоми гумрук дар хусуси баҳисобгирӣ;

4) аз лаҳзаи ба ҳисоби пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳисобӣ кардани (гузаронидани) маблағи пардохтаи бонк ё ташкилоти кредитӣ ё ташкилоти суғурта мутобиқи кафолати бонкӣ ё қарордоди суғурта, инчунин аз тарафи кафолатдиҳанда мутобиқи қарордоди кафолат;

5) аз лаҳзаи рӯёндани пардохтҳои гумрукӣ аз моле, ки аз он боҷи гумрукӣ ва андоз супурда нашудааст ё маводи ба гарав гузошташуда ё амволи дигари пардохткунанда ба шарте, ки андозаи ин маблағ аз қарзи пардохтшавандаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз камтар набошад.

12. Дурустии маблағи пардохтҳои гумрукии ҳисобшудаи декларатсияи бори гумрукӣ аз ҷониби нозирони гурӯҳи пардохтҳои гумрукии зерсохтори мақомоти гумрук тасдиқ гардида, супоришномаи пардохтӣ (счёт) ба декларант ё пардохткунанда пешниҳод карда мешавад.

13. Маблағи пардохтҳои гумрукии ҳисобишуда аз ҷониби декларант ё пардохткунанда бояд ба суратҳисоби дахлдори буҷети ҷумҳуриявии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи талаботи Дастурамал “Дар бораи тартиби сабти рақамҳои мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои (кодҳои) гурӯҳбандии даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ дар супоришномаҳои пардохтӣ, ҳангоми гузаронидани маблағҳоо ба буҷети давлатӣ тавассути Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар Замимаи 2-и Тартиб дарҷ шудааст, пардохт карда шавад.

14. Маблағи пардохтҳои гумрукии аз ҷониби декларант ё пардохткунанда пардохтшуда, аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзию молиявӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ, интиқол дода мешаванд.

15. Маблағи пардохтҳои гумрукӣ тариқи системаи ҷоришуда бо рамзи 70 интиқол гардида, дар зерсистемаи пардохти электронии Хадамоти гумрук, дарҷ карда мешавад.

16. Пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо ва ҷаримаҳо қатъиян бо риояи тартиби хонапурӣ намудани супоришномаҳои пулӣ ба монанди дуруст

дарҷ намудани рамзи мақомоти гумрук (70), рақами мушаххаси андозсупоранда ва суратҳисоб ба расмият дароварда шавад.

17. Дар сурати дуруст будани супоришномаи пардохтӣ, он бояд аз ҷониби Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли электронӣ тариқи системаи ҷоришуда ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шавад.

18. Ҳангоми мавҷуд будани хатогӣ дар супоришномаҳои пардохтӣ, ба монанди набудани рамзи 70, нодуруст дарҷ кардани рақами мушаххаси андозсупоранда, суратҳисоб ва/ё дигар хатогиҳо, супоришномаи пардохтӣ аз ҷониби Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тасдиқ карда нашавад ва дар сурати тасдиқ шуданаш бояд дар шакли электронӣ тариқи системаи ҷоришудаи табодули маълумот ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шавад.

19. Нозирони гурӯҳи пардохтҳои гумрукии зерсохтори мақомоти гумрук вазифадоранд пеш аз иҷозат додани декларатсияи бори гумрукӣ, назорати дурустии ҳисобӣ намудани маблағи пардохтҳои гумрукиро тавассути зерсистемаи пардохти электронӣ, мавриди санҷиш қарор диҳанд.

20. Ҳангоми мавҷуд будани маблағи зарурӣ дар суратҳисоби пардохткунанда дар зерсистемаи пардохти электронӣ, декларатсияи бори гумрукии иштирокчии фаъолияти иқтисодӣ хориҷӣ аз ҷониби нозирони барасмиятдарои гумрукӣ ба марҳилаи ниҳоӣ расонида мешавад. Нозирони барасмиятдарори гумрукии раёсатҳои минтақавии гумрукӣ вазифадоранд, ки ҳангоми қабули декларатсияи бори гумрукӣ, то муайян шудани воридоти воқеии маблағи пардохтҳои гумрукӣ, дар зерсистемаи пардохти электронии Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона (СИАЯ) бо суроғаи 192.168.14.90:1000, рақами тартибии ДБГ (справочный номер ГТД) надиҳанд.

21. Рақами декларатсияи бори гумрукӣ ва маблағи пардохтҳои гумрукии воқеан пардохт кардашуда, аз тарафи нозирони гурӯҳи пардохтҳои гумрукии зерсохтори мақомоти гумрук, дар зерсистема ворид карда мешаванд.

22. Шахсони мансабдори воҳидҳои сохтории мақомоти гумрук, ки барои баҳисобгирии пардохтҳо масъуланд, бояд ҳармоҳа, семоҳа ва солона, ҷамъбасти ҳамагии маблағи ҳисобшуда, камшуда, пардохтшуда ва баргардонидашудаи пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо

(пеня) ва ҷаримаҳоро барои моҳи ҳисоботӣ, семоҳа ва солона бо ҷамъи умумии зиёдшаванда анҷом диҳанд ва бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади муқоисавӣ ба тасвиб расонанд. Амали мазкур бояд дар асоси замимаҳои фармоишҳои Хадамоти гумрук №167-ф аз 05.09.2011 "Оид ба таҳия ва пешниҳод намудани ҳисоботҳо доир ба ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ" ва №54-ф аз 10.03.2011 "Дар бораи тасдиқи намунаи ҷадвалҳо оид ба ҳисоботи ҷамъоварии маблағи хироҷи фонди роҳ аз воситаҳои нақлиёте, ки сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро убур мекунанд" анҷом дода шаванд.